«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Сардори Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
генерал-майори милитсия
____________ Насуриён П.А.

«02» 06 2025

# ПРОТОКОЛИ № 10
## ҷаласаи кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз «31» майи соли 2025 ш. Душанбе

Раис: н.и.ҳ., подполковники милитсия Нарзуллозода С.С.
Котиб: полковники милитсия Муҳитдинзода Н.М.
**Иштирок карданд:** сардори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., подполковники милитсия Нарзуллозода С.С., муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, д.и.ҳ., дотсент, полковники милитсия Раҳмадҷонзода Р.Р., сардори шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент, полковники милитсия Самиев Н.М., сардори кафедраи амнияти иттилоотӣ ва технологияҳои рақамии факултети № 5 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., полковники милитсия Арипов А.Л., сардори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., Қосимов Ф.М., профессори кафедра полковники милитсия Муҳитдинзода Н.М., дотсенти кафедра, полковники милитсия, Убайдуллоев Ш.Э., муаллимони калони кафедра: майори милитсия Ҳамрозода М.З., капитани милитисия Маҳмараҳимзода Ф.М., лейтенанти калони милитсия Сулаймонзода Р.Н.; муаллимон: майори милитсия Муҳитдинзода Ф.М., лейтенанти калони милитсия Некрузи Ҳ., лейтенанти милитсия Давлатзода С., лейтенанти милитсия Ҳасензода О.Л.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси: 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).**

**Роҳбарии илмӣ: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро.**

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Анварзода Самандар Анвар баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва мубраммият, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки ҷинояткорӣ зуҳуроти ҳаёти иҷтимоӣ буда, сатҳи он доимо тағйирпазир буда, он метавонад барои рушди муътадили ҷомеа ва давлат монеаи ҷиддӣ бошад. Аз ин лиҳоз, мақомоти дахлдори давлатӣ якҷо бо аҳли ҷомеа ӯҳдадоранд дар муқовимат бо ҷинояткорӣ чораҳо ва роҳу усулҳои заруриро андешанд.

Натиҷаҳои ФОҶ метавонанд ба сифати сабаб ва асос барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ хизмат намоянд ва ба мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва ё судие, ки дар пешбурдашон парвандаҳои ҷиноятӣ мавҷуданд, пешниҳод гарданд ва ҳамзамон, мутобиқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ки ҷамъоварӣ, санҷиш ва баҳодиҳии далелҳоро ба танзим медароранд, ба сифати далел дар парвандаҳои ҷиноятӣ истифода бурда шаванд. Натиҷаҳои ФОҶ дар ҳуҷҷатҳои оперативӣ-хизматӣ (гузоришҳо, маълумотномаҳо, ахбороти оперативӣ дар бораи ҷиноятҳо ва ҳодисаҳо, санадҳо, ҳисоботҳо ва ғайраҳо) инъикос мегарданд. Истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ, ки барои тайёр намудан ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ равона карда шудаанд, асосан бо ҳалли масъалаҳои ташкилӣ-тактикӣ, ба монанди, таъсис додани гурӯҳҳои тафтишотӣ-оперативӣ, ҷалби мутахассисон, интихоби воситаҳои техникии криминалистӣ ва дигар воситаҳои техникӣ, муайян

намудани ҷой, вакт ва тактикаи амалҳои тафтишӣ ва ғайраву ҳоказо алоқамандӣ дорад.

Ҳамзамон, дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 махсусан ишора карда шудааст, ки ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ҳамчун фаъолияти муҳимми мусоидаткунанда ба мурофиаи ҷиноятӣ, ки пинҳонӣ ва яктарафа анҷом меёбад, муносибат намуда, дар оянда ҷанбаҳои мурофиавии ин фаъолият коркард шуда, натиҷаи онро тибқи қоидаи далеловарӣ бо қонунгузорӣ ба расмият медарорад, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ мавриди истифода қарор дода шавад.

Бинобар ба инобат гирифтани нуктаҳои зикршуда баррасии илмӣ-амалии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, ки ба таҳлили илмӣ-амалии асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ бахшида шудааст, мубрам, асоснок ва саривақтӣ мебошад.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат аст.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро омӯзиши маҷмуии асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ; коркарди таклифҳо ва пешниҳодоти мушаххаси дорои мазмуни илмӣ-амалӣ ва мукаммалсозии институти мазкур дар ҷодаи мукаммалнамоии қонунгузории соҳавии ватанӣ, ташкил медиҳад.

Ҷиҳати ноил гардидан ба мақсади гузошташуда, ба таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳалли вазифаҳои зерин саривақтӣ ва заруранд:

– мушаххаснамоии мафҳуми натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар илм ва амалия;

– таҳлил ва муайян намудани ташаккул ва инкишофи асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

– таҳлил ва исбот намудани ҷамъоварии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ то оғози парвандаи ҷиноятӣ;

– омӯзиш ва таҳлили асосҳои истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ;

– муайян намудани истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар рафти мурофиаи судӣ;

– таҳқиқи мушкилоти асосии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ;

– таҳлили назоратбарии идоравӣ ҷиҳати истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз ҷониби мақомоти амаликунандаи он;

– таҳқиқи илмӣ-амалии назорати прокурорӣ бобати риоя ва иҷрои қонунҳо вобаста ба истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

– коркард ва пешниҳоди самтҳои асосии истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, равиши таҳқиқот, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили мавҷудаи асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ навгонии ҷиддӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан, дар соҳаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва мурофиаи ҷиноятии кишвар ба ҳисоб меравад.

Натиҷаҳои таҳқиқот аз хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалӣ ҷиҳати такмили қонунгузории соҳавии ватанӣ оид ба асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ иборат мебошад. Хулосаҳо ва нуқтаҳои илмие, ки дар рафти таҳқиқи диссертатсия ба даст омадаанд, метавонанд дар ҷараёни таҳқиқоти минбаъдаи соҳаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва мурофиаи ҷиноятӣ дар самти асосҳои ҳуқуқии истифодабарии натиҷаҳои ФОҶ истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд боиси такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузории ватанӣ, аз ҷумла Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ ва ғ. гарданд, дар амалия васеъ ва дуруст истифода бурдани дастовардҳо ва ҷузъиёти қонунгузории

соҳавӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии мақомоти судӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гарданд.

Ҳамзамон, хулосаҳои дар сатҳи диссертатсия овардашуда барои таълими фанҳои тахассусӣ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, зимни омӯзиши фанҳои таълимии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, курси махсуси фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аҳаммияти калон доранд.

Дар ҷараёни ҷаласа баромадҳои муқарризони аз ҷониби кафедра таъйиинщуда вобаста ба диссертатсияи унвонҷӯ Анварзода Самандар Анвар: муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, д.и.ҳ., дотсент, полковники милитсия Раҳмадҷонзода Р.Р., сардори кафедраи амнияти иттилоотӣ ва технологияҳои рақамии факултети № 5 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., полковники милитсия Арипов А.Л. ва сардори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., Қосимов Ф.М. шунида шуд. Сипас, унвонҷӯ Анварзода Самандар Анвар вобаста ба пешниҳодҳо ва эродҳои аз ҷониби муқарризон баёнгашта ҷавобҳои мушаххас дода, назари худро вобаста ба онҳо иброз дошт.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Ҳамзамон дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён н.и.ҳ., подполковники милитсия Нарзуллозода С.С., н.и.ҳ., дотсент, полковники милитсия Самиев Н.М., полковники милитсия Муҳитдинзода Н.М., полковники милитсия Убайдуллоев Ш.Э. ва капитани милитисия Маҳмараҳимзода Ф.М. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Анварзода Самандар Анвар ҷавобҳои мукаммал дод.

Инчунин, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи

диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Анварзода Самандар Анвар ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Раиси ҷаласа н.и.ҳ., подполковники милитсия Нарзуллозода С.С. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Қайд карда шуд, ки Анварзода Самандар Анвар муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 6 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ мебошад.

Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси: 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Анварзода Самандар Анвар дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқии танзимкунандаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси: 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) бо дарназардоштиислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043-и назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 24 майи соли 2025 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 14 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:** **Нарзуллозода С.С.**

**Котиби ҷаласа:** **Муҳитдинзода Н.М.**

**Имзои "Нарзуллозода С.С. ва Муҳитдинзода Н.М."-ро тасдиқ мекунам:**
**Муовини сардори ШК Академияи**
**ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**полковники милитсия** **Камолӣ З.Б.**
**«02» 06 соли 2025**

Суроға: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. М. Мастонгулов, 3, тел: +(992 37) 226-60-42, факс: +(992 37) 226-60-43, Веб.сайт – www.avkd.tj, e-mail: academia.a@vkd.tj